**Тақриз**

ба фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович
дар мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар» аз рӯйи
ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Гулназар Келдӣ шоири шинохта, муваффақ, нуктадон ва барҷастаи адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки байни адибони замони мо мавқеи хос дорад. Хушбахтона, ҳаёту эҷодиёташ то ба имрӯз диққати муҳаққиқонро ба худ кашида ва аз ин ҷиҳат, тадқиқот бурдан пиромуни ин шоири эҷодкор ва мавзӯъҳои гуногуни марбут ба ӯ, дарёфт ва кушодани паҳлуҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёт, баррасиҳои мухталифи адабӣ ва забонии ашъори вай, вижагиҳои забониву услубиаш имрӯз кори саривақтӣ ва ниёзманд ба омӯзиш ба шумор меравад.

Рисолаи номзадии Ҳамроев Равшанқул Замонович таҳти унвони «Поэтикаи ашъори Гулназар» тадқиқоти ҳамаҷонибаи аввалин ва иқдоми устувору ҷиддӣ дар шинохти ин шоири ҳунарманд хоҳад буд.

Аз муҳтавои рисола бармеояд, ки муҳаққиқ дар шиносондани мероси адабӣ, истифодаи мавзӯъ , жанрҳои адабӣ, таҳаввулгароиҳо ва вижагиҳои гуногуни забони ашъори Гулназар бо ҷиддияти тамом таҳқиқ бурдааст ва дар аксар мавридҳо муваффақ ҳам гардидааст. Масъалагузорӣ, бандубасти мавзӯъ ва истифодаи сарчашмаҳои зиёд дақиқ ва тибқи меъёрҳо сурат гирифтаанд.

Аз шиносоии комили фишурда маълум мешавад, ки унвонҷӯ баҳри пурра даст ёфтан бар муҳтавои кори худ бар ҷиддият кӯшида, ба ҳар бобу фаслу зерфасл кунҷковона назар дӯхтааст. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти хеш ба муваффақиятҳои чашмрас комёб гаштааст.

Унвонҷӯ зимни баррасии мавзӯъ ҳамчунин, барои муайян кардани авзои иҷтимоию сиёсӣ, ҳаёти илмиву маданӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявиву бадеии асри XX-XXI андеша ронда, баъзан дар муқоисаи истифодаи жанрҳои адабии замон фикрҳои ҷолиб гуфтааст.

Сохтмони кор низ бо муҳтавои мавзӯи мавриди таҳқиқ қарорёфта мувофиқат мекунад. Рисола дорои муқаддима, се боб, сензда фаслу ду зерфасл, хулоса ва китобнома иборат аст, ки чунин гурӯҳбандии онҳо ба пурҷӯйӣ ва мӯшикофии соҳиби он далолат мекунад.

Дар мунтаҳо дуруст қайд гаштааст, ки навпардозиҳои шоир бо дигаргун кардани зоҳири шеър маҳдуд нашуда, балки дар ташаккулу такомули дарунмояи шеър сурат гирифтааст.

Дар баробари ноил гаштан ба комёбиву муваффақият дар матни фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович «Поэтикаи ашъори Гулназар» баъзе камбудиҳо ба чашм расиданд:

1. Мавҷуд будани баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ.3,4,21).
2. Дар фишурдаи рисола баъзан такрор дида шуд: «Дар ашъори Гулназар вожаи серистеъмолтарин субҳ аст » – саҳ.19 ва «Серистеъмолтарин калима дар ашъори Гулназар вожаи субҳ аст» – саҳ.21.

Бо вуҷуди доштани баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, муҳтаво, мавзӯъ ва мундариҷаи фишурдаи рисолаи илмии Ҳамроев Равшанқул Замонович зери унвони «Поэтикаи ашъори Гулназар» тадқиқоти комили бaанҷомрасида буда, ба талаботи КОА -и ҶТ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик арзанда аст.

Бобобеков Алишер Мирбобоевич
н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ
faridoddd@mail.ru
тел: 93-564-04-40

Имзои Бобобеков А. М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.